# 4 МАБЛАҒИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР ИМД

Барои хизматрасонӣ дар ИМД (минбаъд – хизматрасонӣ) довталабон маблағи муқарраршударо пардохт мекунанд.

Арзиши хизматрасониро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Марказ ҳар сол то оғози давраи бақайдгирӣ дар мувофиқа бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад. Тибқи “Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми апрели соли 2023, № 188 тасдиқ шудааст, барои шахсони зерин (баъди пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дахлдорашон ҳангоми бақайдгирӣ) дар пардохти маблағи хизматрасониҳо имтиёзҳо муқаррар карда мешаванд:

Ҷадвали 4.1

**Шахсоне, ки аз пардохти маблағи хизматрасониҳо озоданд**

| Р/т | Гурӯҳи довталабон |
|---|---|
| 1 | Шахсони дар вақти бақайдгирӣ барои иштирок дар ИМД ба синни 22 нарасида, ки падару модарашон вафот кардаанд |
| 2 | Шахсони дар вақти бақайдгирӣ барои иштирок дар ИМД ба синни 22 нарасида, ки падар ё модари танҳояшон вафот кардааст |
| 3 | Шахсони дар вақти бақайдгирӣ барои иштирок дар ИМД ба синни 22 нарасида, ки бо сабабҳои маҳдуд ё маҳрум карда шудани падару модар, падар ё модари танҳояшон аз ҳуқуқи падарумодарӣ, бедарак ғоиб эътироф ё фавтида эълон гардидани падару модар, ғайри қобили амал дониста шудани онҳо, барои адои ҷазо дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ қарор доштани падару модар, саркашӣ кардани падару модар аз тарбияи кӯдак ё ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ӯ, аз ҷумла ҳангоми рад кардани гирифтани кӯдаки худ аз муассисаҳои таълимӣ-тарбиявӣ ва ё табобатӣ бе падару модар мондаанд |
| 4 | “Кӯдакони маъюб” ва маъюбони гурӯҳҳои I ва II, ки падар ё модарашон вафот кардааст |
| 5 | “Кӯдакони маъюб” ва маъюбони гурӯҳҳои I ва II, ки падар ё модари танҳо доранд |
| 6 | “Кӯдакони маъюб” ва маъюбони гурӯҳҳои I ва II, ки падару модари маъюби гурӯҳи I ё II доранд |
| 7 | “Кӯдакони маъюб” ва маъюбони гурӯҳҳои I ва II, ки падар ё модари танҳои маъюби гурӯҳи I ё II доранд |
| 8 | Шахсони дар вақти бақайдгирӣ барои иштирок дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба синни 22 нарасида, ки падару модарашон маъюби гурӯҳи I ё II мебошанд |
| 9 | Шахсони дар вақти бақайдгирӣ барои иштирок дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба синни 22 нарасида, ки падар ё модари танҳояшон маъюби гурӯҳи I ё II мебошад |

Ҷадвали 4.2

**Шахсоне, ки аз пардохти 50 %-и маблағи хизматрасониҳо озоданд***

| Р/т | Гурӯҳи довталабон |
|---|---|
| 1 | “Кӯдакони маъюб” ва маъюбони гурӯҳҳои I ва II, ки падару модарашон дар қайди ҳаёт (солим) мебошанд |
| 2 | Шахсони дар вақти бақайдгирӣ барои иштирок дар ИМД ба синни 22 нарасида, ки падар ё модарашон маъюби гурӯҳи I ё II мебошад |
| 3 | Шахсони дар вақти бақайдгирӣ барои иштирок дар ИМД ба синни 22 нарасида, ки падар ё модарашон вафот кардааст |
| 4 | Шахсони дар вақти бақайдгирӣ барои иштирок дар ИМД ба синни 22 нарасида, ки падар ё модари танҳо доранд |

**Эзоҳ:** *шахсони мазкур ҳангоми азнавбақайдгирӣ бояд маблағи барои азнавбақайдгирӣ муқарраршударо пурра пардохт кунанд.

Шахсони мазкур ҳангоми бақайдгирӣ бояд ҳуҷҷатҳои дахлдорро, ки дар ҷадвалҳои 2.2-2.4 нишон дода шудаанд, пешниҳод кунанд.

Баргардонидани маблағи барои хизматрасониҳо ҷиҳати иштирок дар ИМД пардохта ба довталаб аз рӯйи тартиби тасдиқкардаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

Қабули маблағи хизматрасонӣ дар бонкҳои дахлдор, аз ҷумла Корхонаи воҳиди давлатии “Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»”, ҶСК «Бонки Эсхата», ё аз барномаҳои мобилии «Амонат Мобайл» ё «Эсхата Онлайн» ба роҳ монда мешавад.

Ба чунин шахсон маблағи барои хидматрасонӣ пардохткарда ё барзиёд супоридаашон баргардонида мешавад:

- шахси аз расиди бонкӣ дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ истифоданакарда;
- довталабе, ки маблағи барои азнавбақайдгирӣ муқарраршударо пардохтааст, вале азнавбақайдгириро нагузаштааст;
- довталабе, ки маблағи муқарраршударо барои супоридани имтиҳон дар даври дуюми имтиҳонҳо пардохтааст, вале дар муҳлати муқарраргардида ба Марказ аризаи дахлдорро пешниҳод накардааст;
- довталабе, ки аз иштирок дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ даст кашидааст;
- довталабе, ки дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ бо сабаби узрноки аз ӯ вобастанабуда иштирок карда наметавонад;
- довталабе, ки хатмкунандаи муассисаи таълимии таҳсилоти умумии асосӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ё миёнаи касбӣ буда, бинобар аз аттестатсияи хатм ё ҷамъбастӣ нагузаштанаш дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ иштирок карда наметавонад;
- довталабе, ки бинобар ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуданаш дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ иштирок намекунад;
- довталабе, ки тибқи тартиби муқарраркардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз пардохти маблағ барои хизматрасониҳо дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ озод мебошад, вале маблағро қисман, пурра ё барзиёд пардохтааст;
- довталабе, ки маблағро барои хизматрасониҳо дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ барзиёд пардохтааст;

Вобаста аз ҳолатҳои зикршуда маблағи барои хизматрасонӣ пардохтшуда дар сурате баргардонида мешавад, ки агар довталаб **дар муҳлати муқарраргардида** ба Марказ ариза пешниҳод карда бошад. Маълумоти муфассал дар ин бора пас аз оғози ҳар давраи бақайдгирӣ дар сомонаи Марказ ҷойгир карда мешавад.

Агар довталаби худро барои иштирок дар ИМД номнавискарда аз ширкат дар ин имтиҳонҳо даст кашида, барои бозпас гирифтани маблағи пардохтааш аризаро аз муҳлати муқарраршуда дертар диҳад, ин маблағ, ба истиснои ҳолатҳои ғайричашмдошт, ки аз довталаб вобаста нест, ба ӯ баргардонида намешавад**.** Дар ҳолати тартиби муқарраргардидаи имтиҳонҳоро вайрон аз имтиҳон хориҷ кардани довталаб низ маблағи пардохткардааш бозпас дода намешавад.

!

**Агар довталаб аз иштирок дар имтиҳонҳо даст кашад, барои бозпас гирифтани маблағи пардохтааш бояд дар муҳлати муқарраршуда ба Марказ ариза пешниҳод намояд, вагарна ин маблағ, ба истиснои ҳолатҳои ғайричашмдошт, ки аз довталаб вобаста нест, баргардонида намешавад.**

**Муҳлати охирини пешниҳоди ариза барои баргардонидани маблағи пардохткарда чунин муқаррар гардидааст:**

**– дар давоми 15 рӯзи баъд аз анҷоми давраи якуми бақайдгирӣ – барои шахсоне, ки дар ин давра сабти ном карда, аз иштирок дар ИМД даст мекашанд;**

**– дар давоми 3 рӯзи баъд аз анҷоми давраи дуюм/сеюм/чоруми бақайдгирӣ – барои шахсоне, ки дар ин давра сабти ном карда, аз иштирок дар ИМД даст кашидаанд;**

**– дар давоми 30 рӯзи баъди ба охир расидани даври имтиҳонҳое, ки довталаб бояд дар он иштирок кунад – барои довталабоне, ки бо сабаби узрноки аз онҳо вобастанабуда дар ИМД иштирок карда натавонистаанд;**

**– 5 рӯз пеш аз оғози даври имтиҳонҳое, ки довталаб дар он бояд иштирок кунад – барои довталабоне, ки хатмкунандаи муассисаи таълимии таҳсилоти умумии асосӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ё миёнаи касбӣ буда, бинобар аз аттестатсияи хатм ё ҷамъбастӣ нагузаштанашон дар имтиҳонҳо иштирок карда наметавонанд;**

**– то оғози даври якум (асосӣ)-и имтиҳонҳо – барои довталабоне, ки бо сабаби ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуданашон дар имтиҳонҳо иштирок намекунанд;**

**– дар давоми 60 рӯзи баъди ба охир расидани давраи бақайдгирие, ки довталаб дар он номнавис шудааст – барои довталабоне, ки ҳуқуқи аз пардохти пурраи маблағ ё қисме аз он озод буданро доранду лекин ин маблағро қисман, пурра ё барзиёд пардохтаанд.**

!

**Муҳлати пешниҳоди ариза дар бораи баргардонидани маблағи пардохтшуда барои шахсони зерин маҳдуд карда намешавад:**

- ✓ **шахсоне, ки аз расиди бонкиашон истифода накардаанд (аз қайд нагузаштаанд);**
- ✓ **довталабони маблағи барои хизматрасонӣ муқарраршударо барзиёд пардохта;**
- ✓ **довталабони маблағи барои азнавбақайдгирӣ муқарраршударо пардохтае, ки дар ин давра иштирок накардаанд;**
- ✓ **довталабони маблағи муқарраршударо барои супоридани имтиҳон дар даври дуюм пардохтае, ки дар муҳлати муқарраргардида ба Марказ аризаро барои иштирок дар ин давр пешниҳод накардаанд.**

**Агар шахси аз расиди бонкӣ истифоданакарда ё довталаби маблағи азнавбақайдгириро пардохтае, ки азнавбақайдгириро нагузаштааст, дар рӯзи амалиёти бонкӣ (рӯзи пардохти маблағ) пеш аз анҷоми вақти кории бонк барои баргардонидани маблағи дар расид нишондода ба нуқтаи бақайдгирӣ, Марказ ё бахши минтақавии он муроҷиат кунад, маблағаш ҳамон рӯз тавассути филиале, ки маблағро дар он додааст, баргардонида мешавад. Дар ҳолатҳои дигар маблағи пардохтгардида дар давоми 45 рӯз баргардонида мешавад.**

**Ҳангоми баргардонидани маблағи пардохтшуда аз он ҳаққи хизматрасонии бонк ва дар сурати номнавис шудан, хароҷот барои ҷараёни бақайдгирӣ гирифта мешавад.**